«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.х., профессор
Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин
аз «___» ___________ соли 2025

# Т А Қ Р И З И

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.

**1.Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавоии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд), дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои 1.2., 1.2.6., 1.2.14., 1.2.16., 1.2.18., 1.2.23-и шиносномаи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат мекунад.

**2.Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити рушди босуръат ва тағйипазири муносибатҳо дар ҷаҳони муосир масоили таъмини бехатарии озуқавории аҳолии кишвар ва истиқлолияти воқеии мамлакат ба рушди комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла сектори аграрӣ вобастагии мустақим дорад. Дар ин раванд, дар доираи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ду ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти мамлакат пешбинӣ шудаанд, ки дар амалигардонӣ ва татбиқшавии ҳадафҳои номбурда нақши хоҷагиҳо ва корхонаҳои сектори аграрӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ мегарданд. Соҳаи кишоварзиро дар шароити имрӯза мушкилоти зиёде домангир аст, ки муҳимтарини онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст. Пойгоҳи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ ҷавобгӯи талабот набуда, имрӯзҳо аксари хоҷагиҳои навташкили кишоварзӣ аз норасоии сӯзишворӣ, тухмиҳо, хӯроки чорво, чорвои хушзот, нуриҳои минералӣ, воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо ва чорво танқисӣ мекашанд. Дар миёни онҳо мушкилоти истифодаи самараноку босуботи захираҳои заминҳои кишоварзӣ нақши калидӣ дорад. Ба дараҷаи

самаранокии иқтисодии истифодаи замин дар кишоварзӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонад, ки дар алоқамандии мураккаби байниҳамдигарӣ амал мекунанд. Бинобар ин, таъсири ҳар як звенои алоҳидаи низоми заминдориро бо натиҷаи ниҳоии истеҳсолот ба инобат гирифтан лозим аст. Истифодаи якҷояи ҳамаи унсурҳои таркибии низоми заминдорӣ, ки аз нигоҳи илмӣ асоснок шудаанд, ба афзоиши доимии ҳосилхезии хок, ҳосилнокии зироатҳо мусоидат намуда, тараққиёти устувори истеҳсолотро таъмин менамоянд. Ҳалли ин мушкилиҳо ба интенсификатсияи заминдорӣ рабт дорад ва ба комёбиҳои навтарини илму техника, таҷрибаи пешқадам ва меҳнати баландсифат асос меёбад, ки ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мусоидат намуда, дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши бориз дорад. Дар ин радиф самаранокии истифодабарии захираҳои замин дар сатҳи минтақаҳои алоҳида низ аҳаммияти муҳимро доро мебошад. Аммо бо сабабҳои объективию субъективӣ имрӯзҳо дар истеҳсолоти кишоварзии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла дар вилояти Суғд истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бо пуррагӣ ҳалли худро наёфтаанд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи мавзуи мазкурро муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст.

3. **Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Асосокӣ ва эътимоднокии хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия ва дараҷаи илмии онҳо гувоҳи он аст, ки диссертант асарҳои олимон-иқтисодчиёни ватанию хориҷиро дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ дар заминаи истифодаи оқилона ва идоракунии захираҳои замин дар бахши аграрии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Суғд, ташкили истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру ба содирот нигаронидашуда, таъмини занҷираи коркарди ашёи хоми кишоварзӣ то ба маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда, таъсиси ҷойҳои нави кории устувор дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта эҷодкорона истифода бурдааст. Ҳамчунин, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи ҷараёнҳои истифодаи оқилона ва идоракунии захираҳои заминро дар бахши аграрии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Суғд доир намояд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

4. **Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки ба ақидаи диссертант ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳияи консепсияи ташаккули низоми муосири идоракунии самараноки муносибатҳои заминистифодабарандагон дар шароити

муосир, вобаста ба баланд бардоштани истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таъмини амнияти озуқавории давлат мебошад. Бинобар ин, унвонҷӯ барои расидан ба ин ҳадаф вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст. Аз таҳқиқи диссертатсия муайян гардид, ки нуктаҳои зерин, ки ҳамчун унсурҳои навгонии илмӣ муаррифӣ гардидаанд, дар диссертатсия ва автореферати кори илмӣ мавҷуд буда, аз таҳлилу натиҷагириҳои муаллиф сарчашма мегиранд:

– таҳлили мафҳуми моҳияти амнияти озуқаворӣ, дар асоси адабиёти иқтисодӣ ва пешниҳоди он ҳамчун: амнияти озуқаворӣ хусусияти ҷараёни ба озуқаворӣ таъмин будани аҳолӣ буда, ҳолати амниятии ин ҷараёнро дар дараҷаи дастрасии доимии аҳолӣ бо озуқавории зарурӣ муайян менамояд;

– таҳлил ва асоснок гардидааст, ки низоми идоракунии муносибатҳои истифодаи заминро барои ноил гардидан ба дараҷаи лозимаи таъминоти озуқаворӣ ва таъмини саноат бо ашёи хом равона кардан зарур аст: омезиши манфиатҳои стратегӣ дар самти истифодаи заминҳои кишоварзӣ, яъне истифодаи оқилонаи замин ҳамчун захираи табиии маҳдуд ва ивазнашаванда; сода намудани низоми баҳисобгирӣ ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин; такмил ва амалисозии самараноки назорати истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

– мубрамияти истифодаи замин ҳамчун объекти стратегӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ ва падидаи гуногунсамт ва мураккаб таҳлил карда шуда, се марҳалаи муҳими истифодаи он муайян гардидааст: а)марҳалаи якум, муайян намудани мақсади истифодабарии қитъаи замин; б)марҳалаи дуюм, истифодабарии бевоситаи воқеии қитъаи замин барои амалӣ намудани ин ҷараён, яъне дастгирии дахлдори иттилоотӣ, технологӣ, захиравӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва маркетингӣ лозим аст; в)марҳалаи сеюм, такрористеҳсолкунӣ, нигоҳдории сифати ҳосилхезии хок, барқарор намудани сохтори сифатии хок, ки ба сармоягузорӣ ниёз дорад, дар бар мегирад.

– тамоюли истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва татбиқи технологияи муосири истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи таъмини амнияти озуқавории вилояти Суғд, фарқияти истифодаи оқилонаи замин миёни ноҳияҳои аграрии вилоят арзёбӣ шуда, муҳиммияти истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ барои вилоят асоснок карда шудааст;

– муайян карда шудааст, ки имрӯз дар соҳаи кишоварзии мамлакат мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар барномаҳои рушди комплекси агросаноатии минтақа доир ба пайвасти мантиқии сохтори ташкиливу технологии типи дуюм ва сеюм тадбирҳо андешида, дар ин раванд самтҳои афзалиятноки танзими давлатии дигаргунсозии индустри-

алӣ ба дастгирии рушди навъи сеюми сохтори ташкилию технологӣ равона шудааст;

– дар асоси ҷамъбасти таҳлили адабиёти илмӣ ва муқаррароти умумии эътирофшуда, консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки ба идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ асос меёбад, пешниҳод карда шудааст;

– тавсияҳо доир ба такмили механизм ва усулҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таҳияву татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ба мелиоратсия, суғуртакунонии хавфу хатарҳо, омезиши фаъолиятҳои кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои давлатӣ ва деҳқонӣ, оилавӣ ва ғайра пешниҳод карда шудааст.

Дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки ба назари муаллиф шомили нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд:

1. Муқаррароти муаллифии мафҳуми амнияти озуқаворӣ дар пояи аҳкомҳои зерини он - амнияти озуқаворӣ.

2. Асоснок намудани муносибати низомӣ идоракунӣ вобаста ба истифодабарии замин ҷиҳати ноил шудан ба сатҳи зарурии таъминоти озуқаворӣ ва таъмини соҳаҳои саноат бо ашёи хом.

3. Арзёбии тамоюли истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва татбиқи технологияи муосири истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣии вилояти Суғд.

4. Арзёбии барномаҳои рушди комплекси агросаноатии минтақа доир ба пайвасти мантиқии сохтори ташкиливу технологии типи дуюм ва сеюм ва самтҳои афзалиятноки танзими давлатии дигаргунсозии индустриалӣ ба дастгирии рушди навъи сеюми сохтори ташкилию технологӣ.

5. Пешниҳоди консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки дар асоси идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ қарор мегирад;

6. Такмили механизмҳо ва методҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мелиоратсия, суғуртакунонии хавфу хатарҳо, омезиши органикии кооперативии давлатӣ ва деҳқонии индивидуалӣ, оилавӣ, оилавӣ-гурӯҳӣ дар иқтисодиёти деҳот ва ғайраҳо.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Баҳодиҳии диссертатсия нишон дод, ки асосҳои назариявии таҳқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ метавонад барои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Суғд ҳамчун

асосҳои методӣ ва амалӣ хизмат намоянд. Тавсияҳо ва натиҷаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст метавонад имконият диҳанд, ки натиҷаҳои илмӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокшудае, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шуданд метавонанд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ҷиҳати истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд ва ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсири мусбат расонанд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда, равишҳои методологӣ ва услубии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ саҳми назаррас гузошта, бо такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва амалии мутобиқ ба мавзуъ, ҳадаф ва масъалаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёбад. Асоснок карда шудааст, ки устувории таъмини амнияти озуқаворӣ аз истифодабарии усулҳои самараноки кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқ, ки ба ҳосилхезии хок таъсир доранд, вобаста аст ва раванди ивазшавии иқлим ва баландшавии ҳарорат низ таъсиргузор аст. Истифодабарии самараноки қитъаҳои замин ва мутобиқшавии зироатҳои кишоварзӣ ба ивазшавии иқлим, тақвияти низоми киштгардон, аз ҷумла, ивази сохтори майдонҳои кишт ба ҷараёни такрористеҳсолӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ мусоидат намуда, ба талаботҳои иқтисодӣ ва экологӣ мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия тавсия шудааст, ки мувозинаи оқилонаи манфиатҳои агросаноатии субъекти мушаххаси муҷтамаи агросаноатӣ ва иқтидори истеҳсолии онҳо ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ, дар ҷумҳурӣ, ҳамзамон дар вилояти Суғд имконпазир мегардад.

Дараҷаи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва хулосаву тавсияҳои дар он инъкосёфта зимни арзёбии шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, арзёбии натиҷаҳо дар конфронсияҳо, семинарҳои илмӣ ва симпозиумҳо, тасдиқи нуқтаҳои дар фарзия пешниҳодгардида, омӯзиши дастҷамъонаи усулҳои мувофиқ ба масъалаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ва нашри маводи илмии таҳқиқот ба даст оварда шудааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷиро оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

**7. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ.** Марҳилаҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, аз қабили интихоби мавзуъ, баррасии масоили гуногуни иқтисодӣ натиҷагирӣ ва пешниҳодҳо бо иштироки худи диссертант сурат гирифтааст. Саҳми шахсии довталаб дар таҳлил ва баҳодиҳии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, методологияи арзёбии истифодаи онҳо дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ, асосноккунии консепсияи ташкил ва идоракунии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ зоҳир мегардад. Бояд гуфт, ки натиҷаҳои илмии бадастовардаи О.О.Исломзодаро метавон ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии истифодаи самранокии заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ истифода бурд.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишороти муаллиф нуқтаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 6 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи омӯзиш ва арзёбии масъалаҳо, алоқамандии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объекти таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшванда ба таври мухтасар дарҷ гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** “Асосҳои назариявии таҳқиқи амнияти иқтисодӣ дар асоси истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ» мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, (С.13-63).

**Дар зербоби 1.1.**, муаллиф оид ба муносибатҳои назариявии муосир доир ба моҳият ва арзёбии амнияти озуқаворӣ ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро ба таври возеҳ ва равшан овардааст, (С.13-26). Аз ҷумла диссертант дар кори диссертатсионӣ ба мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» вобаста ба муносибатҳои нави заминистифодабарӣ, ки ба истифодабарии захираҳои замин алоқаманданд, фикри худро иброз доштааст ва унсурҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ - мавҷудияти ҷисмонии ғизо ва имконияти иқтисодии дастрасии аҳолӣ ба молҳои озуқаро тавсиф дода, ба моҳияти худтаъминкунии озуқаворӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ додааст,(С.21-22). Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои худтаъминкунии озуқаворӣ муқаррар карда шудаанд,

(С.23). Ҳамчунин, дар хотимаи зербоб диссертант назари худро оид ба масъалаи мазкур дар зербандҳо ҷамъбаст намудааст, ки ҷолиби диққат аст, (С.27).

**Дар зербоби 1.2.**, диссертант ҷанбаҳои методологии арзёбии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро дар низоми таъмини амнияти озуқавориро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст. Муаллиф дар ин самт қайд намудааст, ки таҳқиқ ва омӯзиши хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ таъсиррасон дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ ва меъёрҳою нишондиҳандаҳои самаранокии онҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳо аҳаммияти муҳимро доро мебошанд. Дар баробари ин диссертант дар расми 1.2.1. - Сохтори институтсионналии муносибат ба заминҳои кишоварзӣ ва ниҳодҳои муайянкунандаи ҳуқуқи истифодабарии онҳоро пешниҳод намудааст, (С.28-43).

**Дар зербоби 1.3.**, диссертант нақши бунёдии самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ба таъмини захиравии амнияти озуқавориро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамчунин, диссертант оиди ин масъала қайд мекунад, ки мазмуни амнияти озуқаворӣ танҳо бо меъёрҳои сохтории он маҳдуд набуда, он аз ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххас иборат мебошад, ки онҳо дар санадҳои қонунӣ доир ба амнияти озуқаворӣ муқаррароти худро ёфтаанд. Дар доираи мазмуни амнияти озуқаворӣ ҳадафи стратегии он, ки ба таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти бехавфи озуқаворӣ равона шудааст, маълум аст. Таъмини устувории истеҳсолоти озуқавории ватанӣ ҳамчун шароити мавҷудияти захираҳои зарурӣ кафолати ноил шудан ба амнияти озуқавориро медиҳад. Дар асоси ин тафсир, инчунин меъёрҳои баррасишуда, муаллиф як низоми томи мантиқии ҳадафу мақсадноки амнияти озуқавориро пешниҳод намудааст, (расми 1.3.1.), (С.44-63).

**Дар боби дуюм** “ Арзёбии вазъи истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва сатҳи амнияти озуқавории вилояти Суғд” анҷом дода шудааст, (С.64-132).

**Дар зербоби 2.1.**- Арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва фонди заминҳои кишоварзии вилояти Суғд мавриди баҳодиҳӣ қарор гирифтааст. Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаи калони мамлакат маҳсуб ёфта, масоҳати он 25,2 ҳазор километри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар вилоят соли 2022 зиёда аз 2823,9 ҳазор нафар аҳолӣ умр ба сар бурда, зичии он ба ҳисоби миёна ба як километри мураббаи масоҳат 112,1 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 20,9 нафар зиёд мебошад. Дар ҳудуди вилоят 14 ноҳия, 8 шаҳр, 93 ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Шумораи аҳолии шаҳрҳо 674,4 ҳазор нафар

(23,9% шумораи умумии аҳолии вилоят) ва аҳолии деҳот бошад 2149,5 ҳазор нафар (76,1%)-ро ташкил медиҳад. Дар вилоят Суғд асосан, ба соҳаҳои кишоварзӣ машғуланд ва дар таъмини амнияти озуқаворӣи вилоят саҳми назаррас гузошта истодаанд. Умуман, ба вилояти Суғд соли 2023 беш аз 29,4 %-и истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ рост омадааст, ки нисбат ба соли 2017 ба 0,1 банди фоиз камтар мебошад. Дар шаш соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии мамлакат аз 41,4 то 63 млрд сомонӣ ва ё 52,1% ва дар вилояти Суғд бошад, ин нишондиҳанда аз 12,6 то 18,5 млрд сомонӣ ва ё 46,8% афзудааст, (С. 64-78).

**Дар зербоби 2.2.,** таҳлили самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзии вилояти Суғд мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор гирифтаанд. Нуктаҳои муҳимтарини ин зербобро муаллиф дар: Ҷадвали 2.2.1. - Таъсири тағйирёбии сохтори заминҳои кишоварзӣ, Ҷадвали 2.2.2.- Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзии дар ҳамаи хоҷагиҳои вилояти Суғд, Диаграммаи 2.2.1.- Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳар як гектар заминҳои истифодаи кишоварзӣ, Диаграммаи 2.2.2.- Шумораи субъектҳои хоҷагидор дар иқтисодиёти кишоварзии вилояти Суғд, Ҷадвали 2.2.3. - Арзёбии қиёсии нишондиҳандаи самаранокии истифодаи замин дар бахши кишоварзии вилояти Суғд, Диаграммаи 2.2.3.- Ҳиссаи майдони кишт ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи хоҷагиҳо, Ҷадвали 2.2.4. - Динамикаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва маҳсулнокии чорво, Ҷадвали 2.2.5.- Сатҳи ҳосилнокии зироатҳо дар ноҳияҳои кишоварзии вилоят ва фарқияти онҳо аз қимати мақсималӣ, Диаграммаи 2.2.4. - Сатҳи нобаробарии ҳосилнокии зироатҳо дар ноҳияҳои кишоварзии вилоят, Ҷадвали 2.2.6. - Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзии вилояти Суғд арзёбӣ намуда, қайд кардааст, рушди минбаъдаи комплекси агросаноатии вилоят дар асоси такмил додани базаи техникиву технологиии истеҳсолот ва механизмҳои ташкилию иқтисодӣ бояд сурат гирад, (С.79-94).

**Дар зербоби 2.3.,** ҳолати истиқлол ва амнияти озуқаворӣи вилоят дар доираи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар **зербоби 2.4.,** диссертант арзёбии ҳолати идоракунии самараноку устувори заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар вилоятро анҷом додааст. Муаллиф тасдиқ намудааст, ки барои таъмини рушди зеркомплекси озуқаворӣи комплекси агросаноатии вилоят талаботи самаранок мавҷуд мебошад. Таҳлили даҳ соли охири истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқа тамоюли афзоиши онро нишон додааст: соли 2023 аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ барои харидани маҳсулоти озуқа 524,29 сомонӣ сарф

намудааст, ки нисбат ба соли 2014 беш аз 3 маротиба зиёд мебошад. Дар диссертатсия дар асоси маълумоти омории даҳ соли охир ҳаҷми муътадили хароҷоти аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқаворӣ тавассути ҳисоб намудани тренди хатии тағйироти он дурнамогирӣ шудааст, (С.95-114,115-131).

**Дар боби сеюми** диссертатсия "Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва таъминоти захиравии амнияти озуқаврии вилояти Суғд" мавриди баҳодиҳӣ қарор гирифтааст, (С.132-170).

**Дар зербоби 3.1.**, асосноккунии консепсияи ташкил ва идоракунии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ анҷом пазируфтааст. Вобаста ба ин дар кори диссертатсионӣ дар асоси ҷамъбасти адабиёти илмӣ доир ба мавзуъ пешниҳод шудааст, ки консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар дар асоси идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ бояд қарор гирад, ки истифодаи аз ҷиҳати экологӣ бехавфи замин, ин объекти идорашавандаи қитъаи замини истифодашаванда мебошад, ки дар низоми муносибатҳои ҳуқуқиву иқтисодӣ аз ҳама гуна таъсироти хатарноки вобаста ба вайрон кардани ҳуқуқҳои қонунӣ, талафот, вайроншавии сифати замин, ки айни замон ба он ва ҳамсояқитъаҳои заминҳо таҳдиди экологӣ эҷод намекунад. Муаллиф дар ин зербоб оид ба таркиби инноватсияи экологӣ натиҷагирӣ намуда, таъкид намудааст, ки он чунин фаъолиятҳоро дар бар мегиранд: беҳдошти сатҳу сифати ҳосилхезии замин; муайян намудан ва дар амал татбиқ кардани меъёри истифодаи нуриҳои минералӣ ва дигар моддаҳои химиявӣ; риоя кардани меъёри нитратҳо, фосфатҳо, металлҳои вазнин ва дигар пайвастагиҳои пайдоиши агрогенӣ дар хок;парвариши навъҳои растаниҳо, ки қобилияти ҷамъкунии нитратҳо, ва фосфатҳоро доранд; татбиқи тарзу услуби биологии мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва бемории зироатҳои кишоварзӣ ва ғайра, (С.132-147).

**Дар зербоби 3.2.**, мукаммалгардонии усулҳои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин арзёбӣ гардидааст. Муаллиф дар ин самт қайд менамояд, ҳангоми таҳияи усулҳо ва механизмҳои идоракунии заминҳои кишоварзӣ, бахусус дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон, боғдории коллективӣ, ки дар онҳо миқдори зиёди озуқаворӣ истеҳсол карда мешавад, бояд меъёрҳои гуногуни амнияти озуқаворӣ ба таври мустақим ба назар гирифта шаванд. Муаллиф як қатор мафҳумҳо ва баъзе элементҳои ҷанбаҳои амнияти озуқавориро, ки бевосита ба идоракунии заминҳо алоқаманданд ва дар робита ба масъалаҳои истифодаи устувори замин баррасӣ мешаванд, муайян ва мураттаб намудааст, (С.148-170).

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардида, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи пешниҳодгардида номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашударо фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия дар 197 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардидааст ва дорои 9 расм, 12 диаграмма ва 28 ҷадвал мебошад.

Диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, бо забони давлатӣ навишта шуда, кори илмии хуб анҷомдодашуда, фарогири навгониҳои назариявию услубӣ ва амалӣ буда, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ҷавобгӯйи талабот мебошанд. Диссертант ва рисолаи илмӣ зинаҳои гуногуни санҷишҳоро бомуваффақият паси сар намудаанд.

Матни автореферати Исломзода Обид Олим дар ҳақиқат фишурдаи муҳтавои матни диссертатсияи номбурда мебошад.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Диссертатсияи Исломзода Обид Олим ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқарраროти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, №3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Исломзода Обид Олим ба ихтисоси илмии дархосшаванда 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат мекунад.

**12. Эъродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе норасоӣ ва камбудиҳо низ мавҷуданд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар боби якум хуб мебуд, ки ҷанбаҳои назариявии истифодабарии замини кишоварзӣ ва нақши онҳо дар таъмини амнияти озуқаворechoии вилояти Суғд боз ҳам амиқтар мавриди таҳқиқ қарор дода мешуд.
2. Боби 2-юм "Арзёбии вазъи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва сатҳи амнияти озуқаворechoии вилояти Суғд" унвон дорад дар ин маврид унвонҷӯ муаммоҳои баландбардории заминистифодабариро яке аз манбаъҳои асосии озуқавории вилоят муайян намуда, таҳлилҳои заруриро анҷом додааст. Аммо, агар муаллиф дар ин самт аз усулҳои муосири муайянкунии худтаъминии озуқаворӣ истифода менамуд, мувофиқи мақсад мебуд.
3. Дар ҷадвалҳои 2.2.5 ва диаграммаҳои 2.2.5., 2.3.1., 2.3.2 марҳилаҳои таҳлилӣ як солро инъикос мекунанд, ки хулосаҳои амиқ баровардан душвор аст.
4. Хуб мешуд, ки дар зербоби 3.1. консепсияи истифодабарии устувори заминҳои кишоварзии вилояти Суғд дар шакли схема ва ё расм инъикос гардида, унсурҳои тадбиқи он асоснок мегашт. Дар ин сурат арзиши илмию амалии кори диссертатсионӣ боз ҳам баланд мешуд.
5. Дар зербоби 3.2. самтҳои баланд бардоштани истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ баррасӣ мегашт ба мақсад мувофиқ буд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмуни аслии диссертатсияро коста намегардонанд.

**13. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.** Диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия - Исломзода Обид Олим арзандаи гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, дар ҷаласаи кафедраи кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи №1 аз 11.08.2025) баррасӣ ва муҳокима гардидааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 6 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор - 6 нафар, Зид – нест, Бетараф – нест.

***Раиси ҷаласа:***
Мудири кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Тағоев Ҷ.Ҳ.

***Ташхисгар:***
Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони
кафедраи иқтисод ва идораи КАС — Бахтиёри И.М.

***Котиби ҷаласа***
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисод ва идораи КАС — Файзуллоев Т.Т..

Имзои Тағоев Ҷ.Ҳ., Бахтиёри И.М., Файзуллоев Т.Т.- ро
тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** — **Тавқиев Э.Ш.**
"11" 08 соли 2025.

**Суроғаи Донишгоҳ:**
Рӯдакӣ 17, 734025, Душанбе, Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 2217711; 2214796
E-mail: tnu.int.re@gmail.com
Веб-сайт: www.tnu.tj